«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И.
________________
«__»________________ соли 2023

## НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 1

ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз "26" августи соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок карданд:**

**Раисикунанда:** Ғафорзода Ҷ.Ғ. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ.

**Аъзоён:** Зиёзода Б.С.-н.и.и., декани факултети иқтисод ва идора, Ш. Давлатали.-н.и.и., Насимов А. А.-н.и.и дотсент, Азизов Ш. С.-н.и.и дотсент, Ғафорзода Ҷ.Ғ.-н.и.и дотсент мудири кафедра; Ойматов Б. Ш.-н.и.и.ив дотсент, Гуреззода С.-н.и.и муаллими калон, Самиева М. Б.-н.и.и муаллими калон, Аюбов Д. М.-н.и.и дотсент, Самизода Т.-н.и.и муаллими калон, Манучеҳри Н. - муаллими калон, Додшоева Б. - муаллими калон, Ниёзов И.- муаллими калон, Мавзунаи Ализода. - ассистент, Мирзоев С. - ассистент, Ҳамдамзода З. - ассистент, Ҷаборзода Р.-ассисент, Бегов –ассистент, Дустова Н.- лаборанти кафедра.

Мутахассисони даъватшуда аз Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: д.и.и:, профессор Кошонова М.Р., д.и.и., профессор Ҷонмамадов Ш.Б., н.и.и., дотсент Бегматов А.А.

## РУЗНОМАИ ҶАЛАСА

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ки аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Азизов Шоазиз Самиевич– н.и.и. дотсент

**Шунида шуд:** Суханронии Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ки аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар

соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт). Пас аз шунидани маърӯза бо мазмуни кӯтоҳ (асосӣ) ба унвонҷӯ аз тарафи шахсони зерин саволҳо дода шуданд:

1. Дотсенти кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракуни»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ Насимов А. А.
2. Декани факултети «Иқтисод ва идора»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ н.и.и. Зиёзода Б.
3. Дотсенти кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракуни»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Аюбов Д.М.
4. Мудири кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракуни»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ, дотсент Ғафорзода Ҷ.Ғ.
5. Мудири кафедраи «Баҳисобгирии буғгалтери таҳлил ва аудит»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ, ив, дотсент Ш. Давлатали
6. Н.и.и. муаллими калони кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракуни»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Гуреззода С.
7. Н.и.и. муаллими калони кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракуни»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Самиева М.Б.
8. Н.и.и. муаллими калони кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракуни»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Самизода Т.
9. Д.и.и., профессори кафедраи молия ДДМИТ, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 Кошонова М.Р.
10. Н.и.и., дотсент, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 Бегматов А.А.

Ба саволҳои додашуда унвонҷӯ ҷавобҳои мукаммал доданд:

Дар муҳокимаи рисолаи номзадии Ализода Ҳуснигули Соҳиб инҳо иштирок карданд: н.и.и. Зиёзода Б., н.и.и дотсент, Ғ. Расулов., н.и.и. ив. дотсент, Ойматов Б.Ш., д.и.и., профессор, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 Ҷонмамадов Ш.Б.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, сахми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Ализода Ҳуснигули Соҳиб муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии яккатор конфренсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назарияви дохилидонишгоҳӣ ва байналмилалӣ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Нақш ва аҳамияти соҳаи маорифро дар марҳилаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯ ба афзоиш ниҳодааст, бисёр муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст. Мавриди зикр аст, ки дар иқтисодиёти мамлакат дар марҳилаи нави рушд таваҷҷуҳи махсус ба роҳи инноватсионии рушд зоҳир карда мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 таъкид карда мешавад, ки дар давраи дарозмуҳлат таъмини рушди босуботи мамлакат бидуни истифодаи навовариҳо

дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ имконнопазир аст. Ба сифати омили асосии чунин тамсилаи инкишоф метавонанд сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии низомташкилкунандаи он – маориф ва илм ҳамчун шартҳои муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бошанд. Дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда нақши калидӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун бахши муҳимми иқтисодиёти мамлакат, ки он мустақиман ба тайёр намудани мутахассисони сатҳи миёна сару кор дорад, тааллуқ дорад.

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳияи муқарраротии илмию назариявии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва асоснок намудани тавсияҳо ҷиҳати такмили ҷанбаҳои иқтисодию ташкилии он иборат аст.

Барои амалӣ кардани мақсади зикршуда, дар таҳқиқот иҷрои **вазифаҳои зерин** муҳим шуморида шуданд:

- тавсифи низоми маориф ва таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими хизматрасонии соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ ва муайян намудани мазмуну сохтори идоракунии он дар шароити муосир;
- таҳқиқи хусусият ва проблемаҳои ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ;
- таҳлил ва арзёбии вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ;
- арзёбии вазъи таъмини захиравӣ ва таъсири омилҳо ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳияи модели барномавию мақсадноки рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- асоснок намудани самтҳои асосии рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва таҳияи амсилаи такмили низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**Объекти таҳқиқот** низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии марбут бо истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар ин соҳа мебошанд.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ марбут бо такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рушди муассисаҳои миёнаи касбӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасаввурот оид ба нақши баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар таъмини рақобатпазирии сармояи инсонӣ ва ба ин восита ба рушди иқтисодӣ асос меёбад. Маҳз амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба такмили низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба таъмини рушди иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат иборат мебошад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- пешниҳоди муқарраротй муаллифии мафҳуми низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун низоми ягона, ки дар сатҳи ҳамоҳангии унсурҳои он, созиши таркиб, сохтор ва мақсаднокӣ зоҳир мешавад.
- муаяйн кардани хусусият, мушкилот ва қонуниятҳои умумии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- муайян кардани тамоюлҳоли муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ва зарурати такмили идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ;
- ошкор намудани омилҳои ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсиррасон бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ;
- асоснок намудани зарурати татбиқи равишҳои барномавию мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низомҳои муракаби таҳсилоти касбӣ;
- таҳияи модели идоракунии рушди инфрасохтори инноватсионӣ-таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ ва пешниҳоди алгоритми татбиқи он.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки жао рисола маҷмӯи муқаррароти усулӣ таҳия шудааст, ки асосро барои ташаккули қарорҳои стратегӣ ва тактикии идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалие, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, дар раванди омодасозӣ ва хондани лексияҳо доир ба курси "Назарияи иқтисодӣ" "Иқтисоди таҳсилот", "Менеҷменти инноватсионӣ" барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Минбаъд натиҷаҳои таҳқиқотро дар кори илмӣ доир ба мавзӯи бо ҳам наздик истифода бурдан мумкин аст.

Механизми идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ба мақсад мувофиқ буда, метавонад зимни ташаккул ва такмили маҷмӯи чораҳо оид ба баланд бардоштани мутобиқатнокии механизми танзими давлатии соҳаи таҳсилоти касбӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқу мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд,

инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод карда мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.02-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мутобиқ мебошад: 1.1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ умумимиллӣ. 1.2. Самаранокии иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 1.4. Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиршавӣ ва фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.1.5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 1.6. Механизми баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 1.7. Тамоюлоти муосири рушди шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 1.9. Асосҳои иқтисодии амалкард ва дастгирии давлатии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 1.18. Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт..

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф мустақилона тавсияҳои усулиро доир ба такмили механизми идоракунии рушди низоми таҳсилоти касбӣ, алгоритмҳои паёпайи таҳияи стратегияи рушд ва механизмҳои ташкилию иқтисоди он иҷтимоӣ пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллиф натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар семинарҳои илмӣ назариявии кафедраи назарияи иқтисодӣ, конференсияҳои илмӣ – амалие, ки ҳар сол дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор шудаанд, гузориш додааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

## РӮИХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУЪ:

### А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОАчоп шудаанд.

[1-М]. Ализода Ҳ.С. Вазъи муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ / Ҳ.С. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Илмҳои табиӣ. 2022. № 3 (15). - С. 61-68. ISSN 2707-9996.

[2-М]. Ализода Ҳ.С. Рушди иқтисодии маълумоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода, Д.М. Аюбов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Илмҳои табиӣ. 2022. № 3 (15). – С.57-61. ISSN 2707-9996.
[3-М]. Ализода Ҳ.С. Масъалаҳои рушди иқтисодии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода // Идоракунии давлатӣ. 2022. № 4/1 (58). – С. 193-205. ISSN 2664-0651.
[4-М]. Ализода Ҳ.С. Арзёбии вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода, И.Б. Амаков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. №3. - С. 68-76. ISSN 2413-5151.
[5-М]. Ализода Х.С. Методологические и методические вопросы оценки образовательных услуг / Х.С. Ализода // Вестник педагогического университета. 2020. № 3-4. – С. 49-57. ISSN 2707-9996.
[6-М]. Ализода Ҳ.С Арзёбии вазъи воситаҳои идоракунии равандҳои таъмини захиравии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ / Ҳ.С. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2020. № 3-4. – С.68-76. ISSN 2707-9996.
[7-М]. Ализода Ҳ.С. Рушди системаи маориф чун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ / Ҳ.С. Ализода, Ш.С. Азизов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2016. № 2 (52). – С. 97-102. ISSN 2075-9584.

**Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия:**

[8-М]. Ализода Ҳ.С. Механизмҳои идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90 – солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва ба ифтихори қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ.- Душанбе, 2021. - С. 63-65.
[9-М]. Ализода Х.С. Система управления качеством человеческих ресурсов / Х.С Ализода, Ш.С. Азизов, Д.Авгонзода, Дж.Гафорзода, Б.Бокилов / Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Актуальные проблемы и перспективы развития научных исследований», г. Орлеан, Франция, 7-8 мая 2021г. [электронное здание] https://ojs.ukrlogos.in.ua/index.php/interconf/article/view/12360.
[10-М]. Ализода Х.С. Содержание и структура управления развитием системы среднего профессионального образования в профессиональной системе / Х.С. Ализода, М.Б Самиева // Материалы XX международной научно-практической конференции. г. Санк – Петербург, Россия – 16.09.2022. [электронное здание] https://ptscience.ru/conferences/conf-20/ №2582472116552.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Кафедра пас аз муҳокимаи диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт); шунидани тақризи роҳбари илмӣ –н.и.и дотсент Азизов Ш.С.; баромади номзадҳои илмҳои иқтисодӣ, дотсентон Расулов Ғ. ва Ойматов Б.Ш., баромади аъзоёни

даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014, маҷлиси кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 –Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳии давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 22 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 19 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор - 19 нафар, зид - нест, бетараф – нест.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 26-уми августи соли 2023, суратҷаласаи №01 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи**
**иқтисодиёт ва идоракунии**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ, н.и.и., дотсент** **Ғафорзода Ҷ.Ғ.**

Котиби ҷаласа:
**н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёт**
**ва идоракунии ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Самиева М. Б.**

***Имзоҳои Ҷ.Ғ. Ғафорзода ва М.Б. Самиева-ро тасдиқ мекунам:***

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**